**Такриз**

ба автореферати диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои пешниҳод ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Дар маҷмӯи чорабиниҳое, ки барои тараққиёти минбаъдаи кишоварзӣ андешида шудаанд киштҳои мобайнии зироатҳои хӯроки чорво мавқеи хосро ишғол намуда, имконият медиҳанд, ки аз заминҳои корам 2 – 3 ҳосил гирифта шаванд. Дар натиҷаи зиёд кардани масоҳати кишти онҳо чунин шароит фароҳам оварда мешавад, ки як дараҷа истеҳсоли хӯрок зиёд ва таҳкурсии онҳо мустаҳкам карда шаванд.

Дар шароити истеҳсолот аксар зироатҳои заминҳои корамро дар давраи нисбатан хурд, ки 50 – 60 фоиз давраи гармии мусоидро барои парвариши онҳо ташкил медиҳад, ишғол мекунанд. Зироатҳои тирамоҳии ғалладонагӣ тахминан ними давраи якуми мавсими кишоварзиро самаранок истифода мебаранд. Қисми боқимондаи давраи гармӣ, ки 90 – 100 рӯз боқӣ мемонад зироатҳои такрорӣ истифода бурда намешавад.

Истифодаи ин давра барои парвариши ҷуворимаккаи ангорӣ барои гирифтани ҳосили дон ва массаи сабзро пойдор мегардонанд.

Корҳои таҳқиқотии муаллиф асосан дар кишти ангорӣ бо ҷуворимакка гузаронида шуда, технологияи парвариши он аз ҷумла интихоби навъ ва зичии ниҳолҳои муътадил барои заминҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон муайян карда шудааст, ки ин барои самаранок ва оқилона истифода бурдани заминҳои обёришавандаи ин минтақаҳо ва руёнидани 2 – ҳосили дон дар як сол ба анҷом расонида шудааст.

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ аз ҷониби муаллиф муайян карда шуд, ки нишондоди баландтарини ҳосили дон, воҳиди хӯрокаҳо ва протеини ҳазмшаванда аз варианти 50 ҳазор/га ниҳоли навъҳои Аскар

(7,1 т/га дон), Зоҳир (6,7 т/га дон), Шуҳрат (5,8 т/га) ва аз варианти 60 ҳазор/га навъи Дилшод (7,6 т/га дон) ба даст оварда шудааст.Технологияи илман асоснокшудаи парвариши ҷуворимаккаи ангорӣ дар хоҷагиҳои ноҳияи Фархор, Ҳамадонӣ, Восеъ дар масоҳати 23 гектар татбиқ карда шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти интихобнамудаи муаллиф аз ҷиҳати муҳимӣ, навгонии илмӣ ва арзиши амалӣ ба талаботи имрузаи соҳаи кишоварзии мамлакат ҷавобгӯй буда ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Кори диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Ходими пешбари илмӣ – шуъбаи обёрӣ
Институти зироаткории Академияи
илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи
ихтисоси 06.01.01 – растанипарварӣ Шарипов Р.Р.

Имзои Шарипов Р.Р.-ро тасдиқ мекунам:
нозири кадрҳои Институти
зироаткории АИКТ Саиднизоми Б.

Суроға: 735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи Дӯстӣ-1
-mail: ziroatkor@mail.ru Web: www.zemledelie-tj.ucoz.ru
Тел: (+992) 907-92-78-=37